**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳоиҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Диссертатсияи номзадии Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед ба яке аз мавзӯҳои мубрами илм, амалия ва қонунгузории ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шуда, дорои хусусияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз падидаҳои мубраму мураккаби ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳсуб ёфта, дар шароити муосир ошкору возеҳ намудани табиати ҳуқуқи ҷиноятии он ҷавҳари асосии диссертатсияи Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшедро ташкил медиҳад.

Тавре, муаллиф иброз медорад, ки шурӯъ аз солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти низоми иқтисодиёти миллиро тавассути аз низоми банақшагирии мутамаркази давлатӣ ба иқтисоди бозоргонӣ гузаронидани соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба роҳ монда, дар ин самт як қатор корҳои муҳимро анҷом дод. Дар низоми иқтисодии давлатҳои муосир унсури хеле муҳим ва зарурӣ низоми бонкӣ мебошад, ки солимии иқтисодиёти ҳар давлат бештар ба фаъолияти ин низом вобастагӣ дорад Одатан аз сифати фаъолият ва шумораи бонкҳои амалкунанда фарҳанги иқтисодии давлатро баҳо медиҳанд.

Муаллиф махсус қайд менамояд, ки фаъолияти низоми бонкӣ боиси бавуҷудоии муносибатҳои ҷамъиятии гуногун мегардад, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун танзимгари ин муносибатҳо хизмат мекунанд. Ба ҳолати 1 январи соли 2020 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ 73 адад ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла 18 адад бонк, 20 адад ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, 6 адад ташкилотҳои қарзии хурд ва 29 адад фондҳои қарзии хурд фаъолият менамоянд. Мавҷудияти теъдоди зиёди ташкилотҳои қарзӣ беихтиёр хавфи содиршавии фаъолияти ғайриқонунии бонкиро афзун менамоянд.

Яке аз масъалаҳои муҳими дигаре, ки таваҷҷуҳи муаллифро ба худ ҷалб намудааст, ислоҳоти ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳанӯз аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар натиҷаи татбиқи бомароми ислоҳоти иқтисодӣ ва сохторӣ дар кишвар, заминаҳои меъёрии ҳуқуқии низоми молияи кишвар, бахусус фаъолияти бонкӣ тадриҷан такмил дода шуданд. Эътирофи шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, инчунин гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ дар умум ба таъсис ва фаъолияти бонкҳои бо шаклҳои гуногуни моликият асосёфта боис гаштанд. Маҳз натиҷаи ин ислоҳот дар қонунгузории ҷиноятии соли 1998 криминализатсия намудани м. 263 КҶ ҶТ – «Фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ» гардид, ки баҳри ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти фаъолияти бонкӣ равона карда шудааст.

Бинобар ин, таносубан ҳангоми коркарду таҳияи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ бояд тавсияҳои аз тарафи ҷомеаи байналмилалӣ ва таҷрибаи қонунгузории пешниҳодшудаи давлатҳои хориҷӣ ба назар гирифта шавад.

Унвонҷӯ вобаста ба мушкилоти ҷойдошта пешниҳоду таклифҳо манзур намуда, на танҳо ба андешаҳои олимони варзида, балки ба омори ҷиноятии ВКД ҶТ, амалияи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар солҳои 2010-2019, омӯзиши маводҳои тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶТ марбут ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ва соҳибкории ғайриқонунӣ, инчунин

парвандаҳои ҷиноятие, ки дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, мавриди омӯзиш қарор додааст.

Муаллиф ба пуррагӣ тавонистааст, ки дар доираи 2 боб ва 6 зербоб моҳияти мавӯзи таҳқиқоти диссертатсионро баррасӣ кунад.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳамияти мавзӯи мазкур вобаста ба ҳаёти имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ оварда шуда, қобили қабул мебошад. Дар муқаддимаи диссертатсияи Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян гардида, асосҳои методологии он изҳор шуда, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалиявии он тавсиф гардида, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда баён карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – «Табиати ҳуқуқии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ: таърихи ташаккул ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ » аз ду зербоб иборат аст.

Муаллиф дар боби мазкур ба таври дақиқ ва асоснок масъалаҳои таърихи ташаккул ва рушди муносибатҳои бонкӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои хориҷи наздик (давлатҳои аъзои ИДМ) ва кишварҳои хориҷи дур мавриди баррасӣ қарор додааст.

Боби дуюм **«Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ»** аз чор зербоб иборат аст. Дар он масъалаҳои табиати ҳуқуқии ҷиноятии аломатҳои объективии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, аломатҳои субъективии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, аломатҳои бандубасткунандаи фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ва фарқияти ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз таркиби ҷиноятҳои ба он монанд мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба

ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия тамоми паҳлӯҳои танзими ҳуқуқии масъалаи мазкур таҳқиқ шудааст. Чунончи, муаллиф маҷмӯи масъалаҳои зеринро баррасӣ кардааст, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир навгонӣ маҳсуб меёбанд:

- омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди муносибатҳои бонкӣ чун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар Тоҷикистон;

- гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ дар асоси қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ;

- таҳқиқи аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мутобиқан ба қонунгузории ҷиноятии ватанӣ;

- омӯзиши оқибати ба ҷамъият хавфнок будани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ;

- баррасии аломатҳои бандубастшавандаи таркиби ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ;

- муайян намудани фарқияти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз ҷиноятҳои ба он монанд;

- коркард ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Диссертатсия таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории он мусоидат мекунад. Ҷанбаҳои дигари мавзӯи диссертатсия барои рушди илмҳои соҳавии дигари ҳуқуқшиносӣ аҳамияти муҳим дорад.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, инчунин таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани

мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди ҳуқуқи ҷиноятӣ саҳми муайяне дорад, чунки дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот афзоиши донишҳо оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии тоҷикистон ба мушоҳида расид. Хулоса ва пешниҳодоти таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи дастури назариявӣ ва амалӣ, баҳри такмил додани танзими ҳуқуқи муносибати ҷамъиятӣ, дар раванди татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд. Аҳамияти амалии таҳқиқот аз имконоти истифодаи натиҷаи пажӯҳиши мавзӯъ дар фаъолияти ҳуқуқӣ ҳангоми таҳияи қонунҳо нисбати масъалаи мавриди таҳқиқ дар раванди таълим, аз ҷумла, ҳангоми хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин дар амалияи татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

**Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбӣ, диссертатсияи мазкур дорои баъзе камбудиҳо буда, мехостам фикру ақидаи аспирантро оид ба эродҳои гузошташуда шунавам:**

1. Муаллифи диссертатсия дар таҳқиқоти илмӣ ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар се давраи таърихи баррасӣ намудааст (ин масъала дар зербоби 1, боби 1 диссертатсия бевосита ҷой дорад). Аз ҷумла, давраи тошӯравӣ, шӯравӣ ва давраи истиқлолият. Аммо хуб мебуд, ки муаллиф ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар асоси давраҳои рушд ва дигаршавии навъҳои мухталифи системаҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ – зардуштӣ, исломӣ, шӯравӣ, пасошӯравӣ (замони истиқлолият) мавриди баррасӣ қарор медод, зеро усули додашудаи илмӣ имкони муайянкунии мавзӯи мазкурро медиҳад. Барои ҳамин ҳам таҳлили қонунияти рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ дар як марҳилаи калони зикршудаи замон дар асоси қабули даврияти раванди таърихӣ имконпазир аст. Инчунин, таъсири омилҳои фарҳангӣ-илмӣ ба дарккунӣ, баҳодиҳӣ, шарҳ ва мустаҳкамкунии ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ дар доираҳои намудҳои ҳамдигаривазкунандаи фарҳангҳо – зардуштӣ, исломӣ, шӯравӣ ва пасошӯравӣ – муайян карда мешаванд. Аз ин рӯ, шарҳи муаллиф вобаста ба ин масъала талаб карда мешавад.

2. Яке аз масаъалаҳои муҳиме, ки муҳаққиқ мавриди омӯзиш қарор додааст, дар мавзӯи мазкур, ин таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои хориҷи наздик (давлатҳои аъзои ИДМ) ва кишварҳои хориҷи дур (аз ҷумла дар зербоби 2, боби 1 диссертатсия бевосита ин масъала ҷой дорад) мебошад. Дар диссертатсия чунин нуқтаи назар ҷой дорад, ки дар қонуни ҷиноятии Тоҷикистон ҷабҳаҳои муҳимми муносибатҳои молиявӣ-кредитӣ ҳифз карда шудаанд, ки дар мамлакатҳои аврупоӣ ва ИМА берун аз ҳудуди қонуни ҷиноятӣ мондаанд, ки чандон дуруст намебошад. Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзе давлатҳои ИДМ таҷрибаи чандинасраи давлатҳои хориҷаро оид ба баррасии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ҳамчун қаллобӣ ва соҳибкории ғайриқонуниро ба инобат гирифта, роҳи худро пеш гирифтанд ва ин ҳолат ҳамчун ҷиҳати мусбати ҳуқуқии ҷиноятии миллӣ ба шумор меравад. Фарқияти ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои хориҷи наздик (давлатҳои аъзои ИДМ) ва кишварҳои хориҷи дур ба таври мушаххас оварда нашудааст. Мебоист

дар диссертатсия муайян карда мешуд, ки кадом падидаҳои пешқадами ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мутобиқи қонунгузории кишварҳои хориҷи дур боиси такмили қонунгузории ватанӣ шуда метавонад.

3. Зербоби 2.1-Аломатҳои объективии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ва 2.2.-и боби 2-и диссертатсия Аломатҳои субъективии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ номгузорӣ гардидааст, чандон қобили қабул ҳисобида намешавад, зеро дар он масъалаҳои объект ва субъект сарфи назар шудаанд. Мебоист зербоби 2.1-Объект ва тарафи объективии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ва 2.2.-и боби 2-и диссертатсия субъект ва тарафи субъективии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ номгузорӣ мегардид, чунки харду зербоб дар якҷоягӣ таркиби ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкиро ташкил медиҳад. Шарҳи муаллиф вобаста ба ин масъала талаб карда мешавад.

**Албатта, камбудиҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.** Хулосаҳои пешниҳодгардидаи Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед мантиқан дуруст ва илман асосноканд. Бешубҳа, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии тақризшаванда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд, метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва раванди таълим истифода шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Тавре маълум гардид Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Чунин фаъолияти унвонҷӯ гувоҳи он аст, ки мутобиқати тахассуси илмии Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед барои дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ҷавобгӯ буда, ҳамзамон робитаи кор бо ихтисоси мазкур мувофиқ аст. Яъне

диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шудааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мазкур мавзӯи «Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони муосири рушд (барои солҳои 2016-2020)» номгузорӣ шудааст, ки он фарогири мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия мебошад.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Муаллифи 14 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд. Аз ин теъдоди асарҳои илмӣ, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд. Муаллиф аз соли 2017 то инҷониб дар семинарҳои илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо гузоришҳои илмӣ баромад кардааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ

ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ихтисорот, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 182 саҳифаро дар бар мегирад.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавоии диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмун мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.** Ҳамчунин омӯзиш ва мутолиаи таҳқиқоти мазкур аз ҷониби доираи васеи олимони ватаниву хориҷӣ дар риштаи ҳуқуқ, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд, манфиатбахш мебошад. Дар маҷмӯъ диссертатсияи Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед ба талаботи банди 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мутобиқат намуда, таҳқиқоти илмӣ тахассусе мебошад, ки барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммият дошта, дар роҳи ҳал ва коркарди навъи илман асоснокшудаи назариявӣ дарҷ шудааст, ки ба рушди кишвар мусоидат менамояд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва соҳаҳои дигар мусоидат карда, боис мегарданд, ки яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи ҷиноятӣ такмил

ёбад. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим доранд.

Ҷиҳатҳои инноватсионии тадқиқоти анҷомдода дар он аст, ки ба қонуниятҳои таҳлили илмӣ ва услуби хосса асосёфта, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин унсурҳои асосии онро ифода мекунад. Дар таърихи илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистони соҳибистиқлол манбаи муҳими дониши назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳанд.

Дар умум, Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед сазовори дарёфтаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад. Бояд иброз намуд, ки тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 78-85-и «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 қабул шудааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

**Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор мудири кафедраи таърих**
**ва робитаҳои байнифарҳангии**
**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон**
**ба номи Сотим Улуғзода** **Азимзода Н.Б.**

**Имзои Азимзода Н.Б.-ро тасдиқ мекунам.**
**Мудири шуъбаи кадрҳои**
**Донишкадаи давлатии**
**забонҳои Тоҷикистон**
**ба номи Сотим Улуғзода** **Наҷмудинов Ш.М.**

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода(734019, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаиМуҳаммадиев 17/6). Тел: +992-372-32-50-00. Факс: +992-372-32-50-03. E-mail: ddzt@ddzt.tj.http://ddzt.tj